**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ**

**КАФЕДРАИ МОДЕЛСОЗИИ МАТЕМАТИКӢ ВА ИТТИЛООТӢ**

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ

## ДОИР БА ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАЪЛИМӢ, ИСТЕҲСОЛӢ ВА ПЕШАЗДИПЛОМӢ

(барои донишҷӯёни ихтисосҳои 1-3103060104 – технологияҳои иттилоотии идора дар иқтисодиёт, 1-26020323 – логистика, 1-31030407 - технологияи иттилоотии низомҳои молиявӣ, 1-25011026 – Иқтисоди рақамӣ, 1-31030602 - Кибернетикаи иқтисодӣ)

**ДУШАНБЕ-2022**

ББК 65.9 (2) 301
Ғ-24
УДК: 37.091.214 (073)

Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 23.02.2022 сол таҳти №7/4.9 тасдиқ ва ба нашр тавсия карда шудааст.

**Муқарризон:** н.и.и., дотсент Насриддинов М.Ш.,

н.и.и., муаллими калон Соҳибов Ф.

**Ғафуров П.Ҷ., Турахонзода Ш.Н.**

Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ//Дар зери таҳрири умумии дотсент Ғафуров П.Ҷ. - Душанбе: ДДМИТ, 2022. - 56 саҳ.

Дастури методӣ барои гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пеш аз кори хатми бакалавр (пешаздипломӣ), инчунин барои мустақилона таҳия намудани ҳисоботи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ихтисосҳои 1-3103060104 – технологияҳои иттилоотии идора дар иқтисодиёт, 1-26020323 – логистика, 1-31030407 - технологияи иттилоотии низомҳои молиявӣ, 1-25011026 – Иқтисоди рақамӣ, 1-31030602 - Кибернетикаи иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст.

© Ғафуров П.Ҷ., Турахонзода Ш.Н. – 2022

## МУНДАРИЧА

САРСУХАН ........................................ 4

1. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАЪЛИМӢ, ИСТЕҲСОЛӢ ВА ПЕШАЗДИПЛОМӢ ........................................ 8

2. ТАШКИЛ ВА РОҲБАРИИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ........................................ 11

3. ҲУҶҶАТҲОИ ҲИСОБОТӢ ОИД БА ТАҶРИБАОМӮЗӢ ........................................ 18

4.1. Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш ........................................ 18

4.2. Мундариҷаи таҷрибаомузӣ ........................................ 22

5. БАРАСМИЯТДАРОРӢ ВА ҲИМОЯИ ҲИСОБОТИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ........................................ 24

5.1. Сабти навиштаҷот дар рӯзнома ........................................ 24

5.2. Тайёрӣ ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомузӣ ........................................ 25

5.3. Қабули ҳисоботи таҷрибаомузӣ ........................................ 29

6. АТТЕСТАТСИЯИ НАТИҶАҲОИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ........................................ 31

6.1. Муқаррароти умумӣ ........................................ 31

6.2. Тартиби гузаронидани ҳимоя ........................................ 33

6.3. Баромад ва муҳокима ........................................ 34

7. РӮЙХАТИ ҲУҶҶАТҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ ........................................ 37

ЗАМИМАҲО ........................................ 39

# САРСУХАН

Яке аз мушкилиҳои асосӣ дар шароити дигаргунии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мушкилоти пайвандкунии донишҳои назариявии донишҷӯёни мактабҳои олӣ бо таҷрибаи кори амалӣ дар корхонаҳои гуногун мебошад.

Дар шароити муосир масъалаи наздикгардонии низоми маълумоти олии касбӣ бо истеҳсолот хеле муҳим мебошад. Дар аксари корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати кадрӣ дар асоси интихоби коргарон аз рӯйи таҷрибаашон ба роҳ монда шудааст. Ҳамин тавр, таҷрибаомӯзӣ қисми таркибии асосии ҷараёни омодагии таълимӣ буда, гузаштани таҷрибаомӯзии гуногуншакл аз тарафи донишҷӯён хеле муҳим мебошад.

Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ (минбаъд-дастури методӣ) дар раванди тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи иқтисодӣ, барномасозӣ, математикӣ ва логистикӣ таҳия гардидааст.

Дастури методӣ дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ таҳия гардида, тартиби ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ), истеҳсолӣ ва пешаздипломиро (минбаъд – таҷрибаомӯзӣ) ба танзим медарорад.

**Таҷрибаомӯзии таълимию шиносоӣ (таълимӣ)** қисми таркибии ҷараёни таълимӣ ва яке аз намудҳои таҷрибаомӯзӣ (экскурсионӣ, шиносоӣ, таҳлилӣ) буда, барои тайёр намудани мутахассиси баландихтисос равона карда шудааст, ки онро донишҷӯёни шуъбаи рӯзона баъди хатми курси 2 дар асоси стандарти давлатии таълимӣ ва барномаи омодагии бакалавр мегузаранд.

Таҷрибаомӯзии таълимию шиносоӣ бо худ марҳилаи

аввалиндарача барои ба даст овардани мақсадҳои мустаҳкамкунии донишҳои назариявӣ ва таҷрибавиро, ки дар вақти гузаронидани чараёни таълимӣ (дарсҳои лексионӣ ва машғулиятҳои амалӣ) гирифта шудааст, мебошад. Таҷрибаомӯзии таълимию шиносоӣ дар курси 2 -и (нимсолаи 4) шуъбаи рӯзона дар давоми 2 ҳафта гузаронида мешавад.

Барои гузаштани таҷрибаомӯзии таълимию шиносоӣ ба донишҷӯёне иҷозат дода мешавад, ки пурра курси назариявиро гузаронидаанд ва ҳамаи шаклҳои назоратӣ (имтиҳону корҳои курсӣ)-и дар нақшаи таълимӣ овардашударо, бомуваффақият супоридаанд.

Таҷрибаомӯзии таълимию шиносоӣ дар асоси шартномаи басташудаи байни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва корхонаҳо – пойгоҳҳои таҷрибаомӯзӣ гузаронида мешавад. Мувофиқи он корхонаҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ бояд барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ҷой пешниҳод намояд (дар ҳолати дар дасти донишҷӯ будани роҳхат бо нишон додани сана ва рақами фармоиш аз тарафи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) ва бо фармоиши корхона барои роҳбарии таҷрибаомӯзӣ бо мутахассиси баландихтисос таъмин намояд.

Муносибати байни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва корхона бо шартномаи мувофиқ муайян карда мешавад. Дар шартномаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва корхона ҳамаи паҳлуҳои вобаста ба гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимию шиносоӣ дида баромада мешавад.

**Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ** аз рӯйи самт (ихтисос) қисми таркибии асосии барномаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки ба худ низоми ташкилӣ ва чорабиниҳои таълимиро дар бар гирифта, барои ба даст гирифтани мақсадҳои ташаккули омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад. Чунин намуди таҷрибаомӯзиро донишҷӯёни шуъбаи рӯзона, баъди хатми курси 3 дар давоми 3 ҳафта дар истеҳсолот

мегузаранд.

Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ мувофиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии амалкунанда дар қисмати талаботи камтарини мундариҷа ва сатҳи омода намудани хатмкунандагон бо ихтисосҳои мувофиқ гузаронида мешавад.

Ҷойҳои гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолиро кафедраи пешбар (тахассусӣ) – «Моделсозии математикӣ ва иттилоотӣ» бо мувофиқатии декани факултети «Технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт» бо назардошти ихтисос, равия, хоҳиши донишҷӯён ва имкониятҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муайян менамояд.

Донишҷӯён бо иҷозати мудири кафедраи «Моделсозии математикӣ ва ит-тилоотӣ» ва декани факултети «Технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт» худ ҷойи гузаронидани таҷрибаомӯзиро интихоб ва бо пешниҳоди мактуби расмии бо имзои роҳбари ин ё он корхона, ташкилот ва муассиса – пойгоҳи гузаронидани таҷрибаомӯзӣ муайян карда метавонанд.

**Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ**-ро донишҷӯён баъди хатми курси чаҳорум дар давоми 5 ҳафта мегузаранд. Таҷрибаомӯзии пеш аз кори хатми бакалаврӣ ин намуди ниҳоии таҷрибаомӯзӣ мебошад, ки пеш аз навиштани кори хатмкунии бакалавр баргузор мегардад. Маҳз дар ҳамин давра ба донишҷӯ имконият барои ҷамъоварӣ намудан ва гирифтани таҷрибаи амалӣ барои ҳали мушкилоти зарурии ташкилию иқтисодии корхона дода мешавад. Дар вақти газаронидани таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ бояд бо хусусиятҳои соҳавӣ, хосиятҳои хоси корхонаи мушаххас ё соҳаи хоҷагии халқ шинос шуда, зерсохторҳои истеҳсолӣ, молиявӣ, идоракунӣ, афродӣ ва дигар зернизомҳоро таҳти омӯзиш гирад.

Ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар асоси барномаи тасдиқшуда, ки дар он рӯйхати масъалаҳои дида баромадашаванда барои иҷроиши супоришҳо оварда шудааст, мебошад.

Донишҷӯёне, ки дар асоси барномаи мақсаднок ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи самт (ихтисос) қабул шуда, таълим

гирифта истодаанд, таҷрибаомӯзиҳои худро дар муассиса ва ташкилотҳое мегузаронанд, ки агар муссисаи таълимӣ бо онҳо шартномаи тарафайн ба имзо расонида бошад. Иваз кардани ҷои таҷрибаомӯзӣ танҳо бо розигии расмии ҳамин гуна муассиса ё ташкилот ба роҳ монда мешавад.

Донишҷӯён дар давраи гузаштан аз таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ метавонанд аз рӯи самт (ихтисос)-е, ки таҳсил намуда истодаанд, дар муассисаҳои истеҳсолӣ, таълимӣ ба ҷойҳои холӣ ба кор қабул шаванд. Ба муассисае, ки дар он таҷрибаомӯзии пешаздипломии худро мегузаранд, бояд бо мавзуи тасдиққардашудаи рисолаи хатм (ё рисолаи дипломӣ) сафарбар карда шаванд.

Дастури методии мазкур барои кӯмаки методӣ ҳам дар вақти гузаштани таҷрибаомӯзӣ ва ҳам дар давраи навиштани ҳисобот пешниҳод карда шудааст.

## 1. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАЪЛИМӢ, ИСТЕҲСОЛӢ ВА ПЕШАЗДИПЛОМӢ

Мақсади ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ин гирифтани донишҳои амиқ ва таҷрибаи аввалин дар фаъолияти самтҳои таҳлил, банақшагирӣ, ташкилӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, гирифтани таҷрибаи амалии истифодабарии воситаҳои умум, шаклҳо ва усулҳое, ки ба самти истифодаи технологияи компютерӣ дар муносибгардонии захираҳои корхона вобастабуда ва инчунин таҳлил ва баҳогузории самаранокии фаъолияти корхона ва назорати амалиётҳои иқтисодии он дар асоси моделҳои иқтисодӣ-математикӣ дар ҳудуди низоми иқтисодии барои расидан ба мақсадҳои махсуси худ ташкилкардашуда мебошад. Илова бар ин банизомдарорӣ ва коркарди маводи амалӣ, аз он ҷумла ҷамъоварии мавод барои истифодабарӣ дар кори хатмкунии бакалавр зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаомузӣ мувофиқи стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба амал оварда шуда, қисми ҷудонашавандаи раванди таълим ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои муҳимтарини таҷрибаомӯзӣ ба даст овардани қобилияти касбии ихтисосҳои 1-3103060104 – технологияҳои иттилоотии идора дар иқтисодиёт, 1-26020323 – логистика, 1-31030407 - технологияи иттилоотии низомҳои молиявӣ, 1-25011026 – Иқтисоди рақамӣ, 1-31030602 - Кибернетикаи иқтисодӣ ва таҷрибаи амалии фаъолият ба ҳайси коромӯз дар воҳидҳои сохтории давлатӣ ва ғайридавлатӣ (минбаъд – объекти таҷрибаомӯзӣ) мебошанд, ки бо роҳҳои зерин амалӣ мешавад:

- азбаркунии маҳорати таҳия ва лоиҳакашии масъалаҳои функсионалӣ ва зерситемаҳои функсионалӣ;
- ҷамъовари намудани маълумотҳои оморӣ барои нишондиҳандаҳои иқтисодие, ки дар татбиқи методҳо ва моделҳои иқтисодӣ-математикӣ, лоиҳакашии системаҳои информатсионии идоракунӣ-иқтисодӣ ва логистикӣ заруранд;

- омӯзиши вазифаҳо ва сохтори техникӣ-иқтисодии объекти таҷрибаомӯзӣ;

- омӯзиши принсипи ташкили кор дар объекти таҷрибаомӯзӣ;

- дида баромадани вазифаҳои объекти таҷрибаомӯзӣ, аз ҷумла дар самтҳои илмию таҳқиқотӣ, банақшагирии стратегӣ, таҳлилӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ;

- омӯзиши ҳуҷҷатгузорӣ;

- таҳлили муқоисавии сохторҳо ва зерсохторҳо аз нуктаи назари вазифа ва уҳдадориҳо;

- иштирок дар гузаронидани амалиётҳои соҳавӣ, чорабиниҳо, семинарҳо, ҳуҷҷатгузорӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки ба объекти таҷрибаомӯзӣ дахл доранд;

- омӯзиши тарзи истифодаи малакаи назариявӣ дар таҷриба (алоқаи назария бо амалия);

- шиносоӣ бо маркази технологию коммуникатсионӣ;

- омӯзиш ва иштирок дар коркарди ҳуҷҷатҳои ташкилию методӣ ва меъёрию техникӣ барои ҳали масъалаҳои алоҳида дар ҷойҳои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;

- коркарди пешниҳодҳои ташаккули фаъолияти амалиётии иқтисодӣ;

- ҷамъоварии ҳуҷҷатҳою маводи зарурӣ барои иҷрои лоиҳаҳои курсӣ, ҳисобот аз рӯйи фанҳои таълимӣ;

*Ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маводи зарурӣ дар объекти таҷрибаомӯзӣ бо роҳҳои зерин ба даст оварда мешавад:*

- омӯзиши ҳуҷҷатҳои асосии воҳидҳои сохтории дахлдор;

- дида баромадан ва шинос шудан бо асосҳои қонунгузорӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, дустурамалҳо ва низомномаҳо, ки ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ ва соҳа алоқаманданд ё асоси фаъолият мебошанд;

- дида баромадани ҳисоботи даврагӣ (семоҳа, нимсола, солона) оид ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ;

- ҷамъоварӣ намудани маводи оморӣ оид ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ ва соҳа;

- шинос шудан бо тарзу усули коркард ва истифодаи таҷрибавии маълумотҳои оморӣ;

- омӯзиш ва ҷамъоварии мавод барои навиштани рисолаи хатм (дар ҳолати ҷойи таҷрибаомӯзӣ ба мавзуъ мувофиқ омадан бо супориши роҳбари рисолаи хатм);

- гирифтани ҳуҷҷатҳои намунавӣ, нусхаи ҳуҷҷатҳо ва ё ҳисобот (дар ҳолати махфӣ набудан) барои таҳлил ва навиштани ҳисобот ё рисолаи хатм.

- ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳое, ки барои иҷрои супориши инфиродӣ заруранд;

- омодасозии мавод барои маърӯзаву иттилоъ дар конференсияҳои илмии донишҷӯён.

## 2. ТАШКИЛ ВА РОҲБАРИИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

Ҷиҳати ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ банақшагирӣ ва амалӣ гардонидани чорабиниҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

-муайян кардан ва интихоби макони гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;

-бастани шартномаҳои тарафайн бо корхона, муассиса ё ташкилот;

-интихоби роҳбарон аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона, муассиса ё ташкилот (дар асоси мувофиқаи қаблӣ бо онҳо) ва интишори фармоиши ректор;

-муайян намудани мавзӯъ, мақсад, вазифа ва супоришҳои инфиродӣ, таъмин намудани донишҷӯён бо барнома ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, дастурҳои таълимию методӣ);

-сафарбар кардани донишҷӯён ба макони таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедра ва факултет.

Ҳуҷҷатҳои ташкилию методии асосӣ - ба тартиб даровардани фаъолияти донишҷӯён ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона, муассиса ё ташкилот, барнома ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, дастурҳои таълимию методӣ мебошад.

Барномаи таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи тахассусӣ дар мувофиқа бо масъули корхона, муассиса ё ташкилот, мураттаб сохта мешавад. Саволҳои аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тайёркардашуда ба барнома дар мувофиқа бо кафедра дохил карда мешаванд.

Барномаҳои таҷрибаомӯзиро роҳбари таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва комиссияи махсуси методии муассисаи таълимӣ дида мебароянд ва онҳо аз тарафи муовини ректор оид ба таълим тасдиқ карда мешаванд.

Роҳбарии таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи моделсозии математикӣ ва иттилоотӣ амалӣ гардонида мешавад. Кафедра аз ҳайати омӯзгорони таҷрибанок роҳбарони таҷрибаомӯзиро бо фармоиши ректори донишгоҳ таъйин менамояд.

Масалан, Фармоиши ректори ДДМИТ «Оид ба ташкил ва

гузаронидани таҷрибаомӯзии пешаздипломии донишҷӯён» чунин интишор мешавад.

*Мутобиқи банди 63-юми «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бандҳои 106 ва 109-и «Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 2-3-и «Низомнома доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни ДДМИТ»,*

***фармоиш медиҳам:***

***1.** Донишҷӯёни зерини курси 4-уми шуъбаи рузонаи ихтисосҳои 1-3103060104 – технологияҳои иттилоотии идора дар иқтисодиёт, 1-26020323 – логистика ва 1-31030407 - технологияи иттилоотии низомҳои молиявии факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт аз 13.04.2022 то 24.05.2022 барои гузаштани таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ ба муассисаҳои зерин фиристода шаванд:*

| № т/р | Насаб, ном ва номи падар | Макони гузаштани таҷрибаомӯзӣ | Роҳбар |
|---|---|---|---|
| 1. | Ёров Хушнуд Раҷабалиевич | ҶДММ “Ҷаъфар – 2006”, шаҳри Душанбе | н.и.и., дотсент Ғафуров П.Ҷ. |
| 2. | Исоев Фарух Маҳмадрасулович | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон | н.и.и., дотсент Ғафуров П.Ҷ. |
| 3. | Қосимов Амирҷон Муродалиевич | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон | н.и.и., дотсент Ғафуров П.Ҷ. |

*Асос: шартномаи ҳамкорӣ ва роҳхат.*

***2.** Роҳбари умумии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ мудири кафедра Ғафуров П.Ҷ. таъйин карда шавад.*

***3.** Дар муддати 10 рӯз пас аз анҷоми таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба садорати факултет ва шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва*

*рушди касбият оид ба натиҷаи таҷрибаомӯзӣ ҳисобот пешниҳод карда шавад.*

*4. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум, муовини ректор оид ба таълим Абдуалимзода Ҳ. А. вогузор карда шавад.*

Баъди ба имзо расидани фармоиши ректори донишгоҳ оид ба таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ рӯзнома ва роҳхат дода мешавад, ки одатан аз тарафи мутасаддии кафедра пур карда шуда, тақсим мегардад. Ҳар як роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра ба донишҷӯ - таҷрибаомӯз супориши мушаххаси инфиродӣ, вобаста ба иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ, рисолаи хатм медиҳад, ки дар рӯзнома дарҷ карда мешавад (Замимаи 1 ва 13).

Вобаста ба объекти таҷрибаомӯзӣ дар рӯзнома нақшаи тақвимии таҷрибаомӯзӣ пур карда мешавад, ки аз тарафи роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва аз объекти таҷрибаомӯзӣ имзо карда мешавад.

Таҷрибаомӯзии донишҷӯён ҳам дар пойгоҳҳои зерсохторҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ҳам дар корхонаҳои беруние, ки барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ҷойҳоро барои донишҷӯён пешниҳод менамоянд, гузаронида мешавад.

Мустаҳкамкунии объекти таҷрибаомӯзӣ аз тарафи раёсати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар асоси бастани шартномаҳо бо ин корхонаҳо гузошта мешавад.

Дар асоси мактубҳои кафолатии корхонаҳо оид ба пешниҳод намудани ҷойҳои баргузории таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён метавонанд дар ин корхонаҳо таҷрибаомӯзии худро гузаронанд.

Барои роҳбарӣ кардани таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар зерсохторҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва инчунин дар корхонаҳои истеҳсолӣ роҳбарони таҷрибаомӯзӣ ҳам аз тарафи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ҳам аз тарафи намояндаи корхонаи истеҳсолӣ таъин карда мешаванд.

Муҳлатҳои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ҳар сола мувофиқи нақшаи таълимӣ ва нақшаи солонаи тақвимӣ бо назардошти тайёрии назариявии донишҷӯён ва имкониятҳои пойгоҳии таълимию моддии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва корхонаҳои истеҳсолӣ-объекти таҷрибаомӯзӣ муқаррар карда мешавад.

Гузаронидани таҷрибаомӯзӣ бо бастаи ҳуҷҷатҳо муқаррар карда мешавад, ки ба он ҳуҷҷатҳои зерин дохил мешаванд:

- фармоиш оид ба иҷозат додани донишҷӯён ба таҷрибаомӯзӣ;
- рӯйхати супоришҳо оид ба таҷрибаомӯзӣ;
- рӯзномаи гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;
- маводи меъёрию маълумотӣ;
- коркардҳои методӣ.

*Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз тарафи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон вазифадор аст:*

- донишҷӯёнро ба ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ тақсим намуда, лоиҳаи фармоишро ба тасвиб расонад ва барои мувофиқатнамоӣ ба декани факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод намояд;
- хуҷҷатҳои ҳамроҳишаванда ва таълимию методӣ (барномаи таҷрибаомӯзӣ, рӯзномаи гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, роҳхат ба корхонаи истеҳсолӣ ва ғ.)-ро ба донишҷӯён таъмин намуда, бо мувофиқати декани факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон маҷлиси ташкилиро пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ бо донишҷӯён гузаронад;
- сифати гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро мувофиқи нақшаи таълимӣ ва барномаи тасдиқшуда таъмин намояд;
- иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ, нақшаи тақвимӣ,

марҳилаҳои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва саривақт иҷро кардани супоришҳои инфиродиро назорат кунад;

- комиссия барои қабули ҳисоботи таҷрибаомӯзиро тартиб дода, ташкили кори комиссияро ба роҳ монад;
- нақшаи ҷорабиниҳо оид ба хубтар ва ташаккули гузаронидани таҷрибаомӯзиро тартиб дода, барои иҷрои он чораҳои мушаххас қабул намояд.

*Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз тарафи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳуқуқҳои зеринро дорад:*

- ба донишҷӯён додани супоришҳои иловагӣ, ки ба самти азхудкунии масъалаҳои алоҳидаи барномаи таҷрибаомӯзӣ равона шудааст;
- дар ҳолатҳои вайронкунии тартибу интизом донишҷӯёнро ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ, иҷозат надиҳад;
- дар ҳолати иҷро накардани вазифаҳои худ ва муносибати хунукназарона аз тарафи донишҷӯён метавонад муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзиро тамдид кунад.

*Вазифаҳои роҳбари таҷрибаомӯзи аз тарафи корхонаи истеҳсолӣ-объекти таҷрибаомӯзӣ:*

- таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро мувофиқи барномаи пешниҳодшудаи таҷрибаомӯзӣ ва шартномаи басташудаи бо Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ташкил намудан;
- донишҷӯёни таҷрибаомӯзро бо ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ таъмин, онҳоро бо ташкилот шинос, ҷадвалҳои тақвимии гузариши донишҷӯён дар ҷойҳои кории муқарраршударо иҷро, имконияти истифодабарии адабиёти техникию иқтисодӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои мавҷударо пешниҳод намуда, шароитҳои заруриро барои гирифтани дониши тахассусӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, иқтисодиёт, молия, ташкили идоракунии истеҳсолот, баҳисобгирии бухгалтерӣ, аудит, таҳлили иқтисодии фаъолияти хоҷагидорӣ пешниҳод карда бо таърих ва оинномаи корхонаи

истеҳсолӣ шинос намояд;

- барои донишҷӯёни таҷрибаомӯз шароити кории илмию тадқиқотӣ таъмин намуда ба ҳаёти коллективи корхонаи истеҳсолӣ онҳоро ҷалб намояд;
- тавсифоти корҳои ҳар як донишҷӯ ва сифати тайёр намудани ҳисобот баъди ба анҷом расонидани таҷрибаомӯзиро диҳад;
- аз рӯйи имконият донишҷӯёни таҷрибаомӯзро ба феҳристи баҳисобгирии меҳнат дохил намояд;
- на камтар аз як маротиба дар давоми ҳафта рӯзномаи гузаронидани таҷрабомӯзии донишҷӯёни таҷрибаомӯзро имзо карда, камбудиҳоро дар он қайд намояд.

Тағйир додани мухлати гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни курсҳои алоҳида аз рӯи самт (ихтисос)-ҳо танҳо бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба амал оварда мешавад. Бо сабабҳои узрнок ба дигар вақт гузаронидани муҳлати таҷрибаомӯзӣ (ба таври инфиродӣ) мувофиқи фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад. Барои дар чунин ҳолат ба имзо расонидани фармоиши ректор ҳамчун асос аризаи донишҷӯ, розигии кафедра, пешниҳоди садорати факултет, муовини якум, муовини ректор оид ба таълим ва ҳуҷҷатҳои муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзиро тасдиқкунанда баромад мекунанд.

*Донишҷӯ - таҷрибаомӯз уҳдадор аст*:

- дар ҳолатҳои дар гуруҳи шарномавӣ таҳсил намудан ва объекти таҷрибаомӯзиаш муайян будан ба мудири кафедра то таҳияи лоиҳаи фармоиши таҷрибаомӯзӣ хабар диҳад;
- роҳхат, рӯзнома ва барномаи таҷрибаомӯзиро бо супориши мушаххас сари вақт аз кафедра гирад;
- сари вақт, мувофиқи муҳлати дар рӯзнома дарҷёфта, ба объекти таҷрибаомӯзӣ равад ва худро ба қайд гирад;

- бо речаи корӣ, интизоми меҳнат, қоидаҳои бехатарӣ ва тартиботи дохилии объекти таҷрибаомӯзӣ шинос шуда, онҳоро пурра риоя намояд;

- супоришҳои алоҳидаи роҳбари таҷрибаомӯзиро дар объекти таҷрибаомӯзӣ иҷро намояд, ки бо супоришҳои мушаххаси роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва барнома мувофиқ ҳастанд;

- дар ҳолати гузаштани таҷрибаомӯзӣ агар ягон монеа ба вуҷуд ояд, ҳатман ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ё мудири кафедра хабар диҳад;

- ҳар рӯз мазмуни мухтасари кори иҷрошударо дар рӯзнома қайд намуда, на камтар аз як маротиба дар як ҳафта ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ барои баррасӣ, тағйирот даровардан, имзо ва қайди иҷрои супориш рӯзномаашро пешниҳод намояд;

- дар асоси қайдҳои кардашуда, маводи ҷамъкардашуда, таҳлил ва шиносоӣ бо вазифаҳо ва тарзи ташкили кор дар объекти таҷрибаомӯзӣ ва иҷрои супоришҳои мушаххас ҳисоботи таҷрибаомӯзиро навишта, муқовабандӣ намояд;

- баъди анҷоми таҷрибаомӯзӣ рӯзнома ва тавсифномаро бо муҳр ва имзои роҳбари таҷрибаомӯзиро аз объекти таҷрибаомӯзӣ гирифта, ба кафедра дар муҳлатҳои муайяншуда супорад;

- дар ҳолати якчанд нафар сафарбар шудан ба як объекти таҷрибаомӯзӣ ҳисобот бояд бо ҳисоботи дигар якхела набошад;

- дар ҳолати тақризи манфӣ гирифтан аз роҳбар ё камбудӣ доштани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ, хатоҳоро бояд сари вақт ислоҳ намояд;

- ҳисоботи таҷрибаомӯзиро бо тартиб ва ҷадвали аз тарафи кафедра муайяншуда, дар назди комиссияи қабули ҳисобот дифоъ намояд;

- дар ҳолати насупоридани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ дар муддати муайяншуда ва ё дифоъ накардани он донишҷӯ аз донишгоҳ хориҷ карда мешавад.

## 3. ҲУҶҶАТҲОИ ҲИСОБОТӢ ОИД БА ТАҶРИБАОМӮЗӢ

Ба ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ дохил мешаванд:

- Рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, ки дар он корҳои рӯз ба рӯз баанҷомрасонида дар ҷойи таҷрибаомӯзӣ дарҷ меёбад ва аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ ба имзо расонида мешавад.
- Ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ (дар ҳаҷми на кам аз 25 саҳифа ва дар шакли дастнавис).
- Тавсифномаи таҷрибаомӯз, ки аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзи навишта шуда, имзо ва муҳр гузошта шудааст.

## 4. Барномаи таҷрибаомӯзӣ

Барномаи таҷрибаомӯзӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:

1. Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш;
2. Мундариҷаи таҷрибаомӯзӣ.

### 4.1. Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш

Таҷрибаомӯзии таълимӣ дар доираи қисматҳои 1) «*Банақшагирӣ ва ташкили ҷараёни иқтисодӣ дар корхона (зерсохтор)-ҳои соҳаи гуногуни фаъолият*» (давомнокӣ – 1 ҳафта) ва 2) «*Истифодаи техника ва технологияи иттилоотии муосир дар корхонаҳо*» (давомнокӣ – 1 ҳафта) гузаронида мешавад.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ мувофиқи нақшаи таълимии ихтисос дар курси дуввум, нимсолаи чаҳорум дар ҳаҷми умумии *2 ҳафта* мегузарад.

**Нақшаи мавзӯии таҷрибаомӯзии таълимӣ**

| № р/т | Намуди корҳо | Ҳаҷми соатҳо |
|---|---|---|
| **Нимсолаи 4** | | |
| ***Таҷрибаомӯзии таълимӣ аз рӯйи қисми аввал – «Банақшагирӣ ва ташкили ҷараёни иқтисодӣ дар корхона (зерсохтор)-ҳои соҳаи гуногуни фаъолият»*** | | |
| 1. | Шиносоӣ бо банақшагирӣ ва ташкили ҷараёни иқтисодӣ дар корхона (зерсохтор)-ҳо | 3 |
| 2. | Шиносоӣ бо таҳлил ва тарҳрезӣ дар сатҳи зерсохторҳои низоми иқтисодӣ | 2 |
| 3. | Шиносоӣ бо таҳлил ва тарҳрезӣ дар сатҳи зерсохторҳои | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| | низоми иқтисодӣ | |
| 4. | Шиносоӣ бо банақшагирии амалиётии ҷараёнҳои моддӣ дар истеҳсолот | 3 |
| 5. | Шиносоӣ бо баҳисобгирии меъёрҳои асосии низоми иқтисодӣ | 2 |
| 6. | Шиносоӣ бо шуъбаи бақайдгирӣ. | 2 |
| 7. | Шиносоӣ бо шуъбаҳои алоҳидаи муассиса. | 3 |
| 8. | Азхудкунии амалиётҳои шуъбаи муҳосибот. | 2 |
| 9. | Азхудкунии амалиётҳои қисми даромади муассиса. | 2 |
| 10. | Азхудкунии амалиётҳои қисми хароҷоти муассиса. | 3 |
| **Ҳамагӣ аз рӯйи қисми якум** | | **24** |
| ***Таҷрибаомӯзии таълимӣ аз рӯйи қисмати дуввум – «****Истифодаи техника ва технологияи иттилоотии муосир дар корхонаҳо»* | | |
| 1. | Азхудкунии амалиётҳои шуъбаи муҳосибот. | 2 |
| 2. | Азхудкунии амалиётҳои шуъбаи технологияҳои иттилоотии муассиса. | 2 |
| 3. | Азхудкунии амалиётҳои шуъбаи кадрҳои муассиса. | 2 |
| 4. | Азхудкунии маҳорати таҳия ва лоиҳакашии масъалаҳои функсионалӣ ва зерситемаҳои функсионалӣ. | 2 |
| 5. | Ҷамъовари намудани маълумотҳои оморӣ барои нишондиҳандаҳои иқтисодие, ки дар татбиқи методҳо ва моделҳои иқтисодӣ-математикӣ, лоиҳакашии ситемаҳои иттилоотии идоракунӣ-иқтисодӣ зарӯранд; | 2 |
| 6. | Азхудкунии самаранокии фаъолияти системаи иттилоотии идоракунии муассисаҳо. | 2 |
| 7. | Таҳлили сифати кор ва тадқиқи проблемаҳои системаҳои иттилоотӣ дар муассисаҳо. | 2 |
| 8. | Азхудкунии автоматикунонии зинаҳои лоиҳакашии системаи иттилоотии муассиса. | 2 |
| 9. | Азхудкунии таҷрибаи таҳлили иқтисодии системаи иттилоотии амалишудаи муассиса. | 2 |
| 10. | Истифодаи барномаҳои амалии автоматикунонии ҳуҷҷатгузорӣ дар шуъбаҳои муассиса. | 2 |
| 11. | Иштироки фаъолона дар ҷорӣ намудани системаи автоматикунонии ҳуҷҷатгузорӣ дар шуъбаҳои муассиса. | 2 |
| 12. | Ҳосил намудани малакаи корӣ бо сохтани моделҳои иқтисодӣ-математикӣ ва технологияи иттилоотии ҳозиразамон. | 2 |
| **Ҳамагӣ дар қисмати дуввум** | | **24** |
| **Ҳамагӣ аз рӯйи таҷрибаомӯзии таълимӣ** | | **48** |

Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (аз рӯйи равияи ихтисос) мувофиқи нақшаи таълимии ихтисос бо аз худ кардани вазифаҳои

касбӣ сарҷамъона дар доираи қисматҳои зерин гузаронида мешавад: 1) «*Истифодаи технологияи компютерӣ дар муносибгардонии захираҳои корхона*» (давомнокӣ – *2 ҳафта*); 2) «*Таҳлил ва баҳогузории самаранокии фаъолияти корхона ва назорати амалиётҳои иқтисодии он дар асоси моделҳои иқтисодӣ-математикӣ*» (давомнокӣ – *2 ҳафта*).

## Нақшаи мавзӯии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (аз рӯйи равияи ихтисос)

| № р/т | Намуди корҳо | Ҳаҷми соатҳо |
|---|---|---|
| **Нимсолаи 6** | | |
| ***Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ аз рӯйи равияи ихтисос*** | | |
| ***Қисми аввал -*** «*Истифодаи технологияи компютерӣ дар муносибгардонии захираҳои корхона*» | | |
| 1. | Шиносоӣ бо имкониятҳои муносибгардонии захираҳо дар фаъолияти иқтисодии корхона | 4 |
| 2. | Шиносоӣ бо имкониятҳои муносибгардонии захираҳо дар фаъолияти истеҳсолии корхона | 4 |
| 3. | Шиносоӣ бо имкониятҳои муносибгардонии захираҳо дар фаъолияти таъминотӣ корхона | 6 |
| 4. | Шиносоӣ бо имкониятҳои муносибгардонии захираҳо дар фаъолияти нақлиётии корхона | 4 |
| 5. | Шиносоӣ бо имкониятҳои муносибгардонии захираҳо дар моделсозии бизнесии ҷараёни иқтисодии корхона | 4 |
| 6. | Иштирок дар ҳисоби маблағҳои андозии корхона | 4 |
| 7. | Таҳлили қисми хароҷоти корхона | 6 |
| 8. | Таҳлили қисми даромади корхона | 6 |
| 9. | Муайянкунии қисми маблағгузорӣ дар корхона | 4 |
| 10. | Истифодаи технологияи компютерӣ дар фаъолияти зехсохторҳои корхона | 6 |
| **Ҳамагӣ дар қисми аввал** | | **48** |
| ***Қисми дуввум –*** «*Таҳлил ва баҳогузории самаранокии фаъолияти корхона ва назорати амалиётҳои иқтисодии он дар асоси моделҳои иқтисодӣ-математикӣ*» | | |
| 1. | Баҳогузории самаранокии амалиёти иқтисодӣ | 3 |
| 2. | Баҳогузории самаранокии фаъолияти низоми иқтисодии корхона ва қисматҳои алоҳидаи он | 3 |
| 3. | Истифодаи моделҳои иқтисодӣ дар амалиётҳои иқтисодии корхона | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| 4. | Истифодаи моделҳои иқтисодӣ-математикӣ дар амалиётҳои молиявии корхона | 4 |
| 5. | Таҳлил ва банақшагирии нишондиҳандаҳои иқтисодии корхона | 3 |
| 6. | Таҳлили қисми хароҷоти зерсохторҳои корхона бо истифода аз моделҳои иқтисодӣ-математикӣ | 4 |
| 7. | Таҳлили қисми даромади зерсохторҳои корхона бо истифода аз моделҳои иқтисодӣ-математикӣ | 4 |
| 8. | Таҳлили самаранокии истифодабарии воситаҳои нақлиёти корхона | 3 |
| 9. | Таҳлили самараноки фаъолияти зерсохтори харидории корхона | 4 |
| 10. | Таҳлил ва баҳогузории самаранокии фаъолияти корхона дар асоси моделҳои иқтисодӣ-математикӣ | 3 |
| 11. | Таҳлил ва баҳогузории қисми хароҷоти корхона бо истифода аз барномаҳои амалии компютерӣ | 4 |
| 12. | Таҳлил ва баҳогузории қисми даромади корхона бо истифода аз барномаҳои амалии компютерӣ | 4 |
| 13. | Баҳодиҳии самараноки фаъолияти зерсохторҳои корхона бо истифода аз моделҳои эконометрикӣ | 3 |
| ***14.*** | Таҳлил, баҳодиҳӣ, банақшагирӣ ва пешгӯикунии фаъолияти иқтисодии корхона дар асоси моделҳои эконометрикӣ | ***2*** |
| **Ҳамагӣ дар қисми дуввум** | | **48** |
| **Ҳамагӣ аз рӯйи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ** | | **96** |

Дар курси чаҳорум донишҷӯён мувофиқи нақшаи таълимии ихтисос бояд таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (пеш аз кори хатми бакалаврӣ) ба муҳлати 5 ҳафта гузаранд.

Дар доираи ин вақти муносиб донишҷӯён бояд на танҳо супоришҳои таҷрибаомӯзиро иҷро намоянд, балки боз мавод барои иҷрои кори хатмкунии бакалаврро ҷамъ оранд.

## Нақшаи мавзӯии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (пеш аз кори хатми бакалаврӣ)

| № р/т | Намуди корҳо | Ҳаҷми соатҳо |
|---|---|---|
| **Нимсолаи 8** | | |
| 1. | Шиносоӣ бо сохтори идоракунӣ, бо вазифаҳои зерсохторҳои идоракунии ҷараёнҳои моддӣ аз рӯйи мавзуи кори хатмкунии бакалавр | 16 |

| | | |
|---|---|---|
| 2. | Аз рӯйи мавзуи кори хатмкунии бакалавр шиносоӣ бо санадҳои қонунӣ ва меъёрию ҳуқуқие, ки фаъолияти корхонаро дар соҳаи идоракунии чараёнҳои моддию молиявӣ ба танзим медарорад | 16 |
| 3. | Шиносоӣ бо санадҳои маҳалии меъёрию ҳуқуқии корхонаҳо аз рӯйи мавзӯи кори хатмкунии бакалавр | 16 |
| 4. | Ҷамъоварӣ маълумотҳои оморӣ ва таҳлили маводи амалӣ аз рӯйи мавзӯи кори хатмкунии бакалавр | 36 |
| 5. | Иҷрои қисми назариявии кори хатмкунии бакалавр | 34 |
| 6. | Баҳисобгирӣ ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои гузаронидани амалиёти молиявию иқтисодӣ аз рӯйи мавзӯи кори хатмкунии бакалавр | 36 |
| 7. | Омӯзиши тарҷибаи муосири фаъолияти иқтисодии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи кори хатмкунии бакалавр | 28 |
| 8. | Омӯзиши мушкилот ва роҳҳои ташаккули фаъолияти иқтисодӣ аз рӯйи мавзӯи кори хатмкунии бакалавр | 32 |
| 9. | Тартиб додани ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (пеш аз кори хатми бакалаврӣ) | 10 |
| **Ҳамагӣ аз рӯйи тарибаомӯзии истеҳсолӣ (пеш аз кори хатми бакалаврӣ)** | | **224** |

Гузаронидани таҷрибаомӯзӣ бо маҷмуи ҳуҷҷатҳои зерин ҳамроҳӣ мешаванд:

- фармоиш оид ба иҷозат додани донишҷӯён ба таҷрибаомӯзӣ;
- рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ (замимаи 3);
- маводи меъёрию иттилоотӣ;
- ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ (замимаи 2) ва маводе, ки объекти таҷрибаомӯзӣ пешниҳод кардааст;
- варақаи аттестатсионӣ, ки маълумот оид ба сатҳи азхудкунии вазифаҳои касбию умумиро дарбар мегирад (замимаи 5);
- тавсифномаи донишҷӯ (замимаи 6).

## 4.2. Мундариҷаи таҷрибаомузӣ

Мувофиқи Барномаи таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои мавзӯии таҷрибаомӯзии дар зербоби 4.1. овардашуда барои ихтисосҳои 1-3103060104 – технологияҳои иттилоотии идоракунӣ дар иқтисодиёт, 1-26020323 – логистика ва 1-31030407 - технологияи иттилоотии низомҳои молиявӣ, 1-25011026 –

Иқтисоди рақамӣ, 1-31030602 - Кибернетикаи иқтисодӣ талаботҳои зерин муайян шудааст:

- таҳияи моделҳои эконометрикӣ ва пешгӯикунии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва идоракунии корхона;
- азхудкунии асосҳои техникӣ ва барномавии корхона;
- истифодабарии барномаҳои офисӣ ва барномаҳои махсусгардонидашуда;
- истифодабарии технологияи иттилоотии муосир дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва идора;
- таҳияи моделҳои оптимизатсионӣ дар корхона ва идоракунии оптималии масъалаи нақлиёт;
- ба таври васеъ истифода намудани технологияи иттилоотӣ дар соҳаи маркетинг;
- кор бо базаи маълумотҳо;
- кор бо системаи идоракунии базаи маълумотҳо ва ҳуҷҷатгузории автоматикунонидашуда дар корхона ва муассисаҳо;
- шиносоӣ ба фаъолияти тиҷорат дар интранет, экстранет ва интернет;

• истифодаи амалии донишҳои назариявӣ аз рӯйи фанҳои омӯзишӣ барои гузаронидани тадқиқот;

• иҷрои вазифаҳои мутахассисон (роҳбарони зерсохторҳо) бо назардошти талаботи ташкилӣ ва завқи донишҷӯён;

• иҷрои таҳлили низомҳои молиявию иқтисодӣ, самаранокӣ ва натиҷагирии он;

• гузаронидани таҳлили эконометрикӣ;

• пешниҳоди ҳалномаҳо, коркарди ҳуҷҷатҳои назоратӣ;

• ҷамъоварӣ, коркард ва банизомдарории мавод.

• омӯзиши меъёрҳо ва маводи методӣ, коркарди адабиёти техникӣ, иқтисодӣ ва оммавӣ оид ба кори хатмкунии бакалавр;

• таҳлили фаъолияти корхона дар самти мувофиқ ба мавзуи кори хатмкунии бакалавр;

• коркарди тавсияҳо оид ба ташаккули фаъолияти корхона.

## 5. БАРАСМИЯТДАРОРӢ ВА ҲИМОЯИ ҲИСОБОТИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

Донишҷӯ - таҷрибаомӯз дар давраи таҷрибаомӯзӣ бояд маводи омориро ҷамъоварӣ намояд, онҳоро коркард намуда, барои навиштани ҳисобот ва рисолаи хатм истифода барад. Бо супориши мушаххаси роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ донишҷӯ-таҷрибаомӯз санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва адабиёти заруриро омӯхта, алоқамандӣ ва усули истифодаи онро дар амал ҳангоми таҷрибаомӯзӣ таҳлил намояд. Дар асоси таҷрибаи муассисаҳо, корхонаҳо, ширкатҳо, ки дар адабиёт оварда шудааст, аз тарафи донишҷӯ-таҷрибаомӯз таҳлили муқоисавӣ гузаронида мешавад.

Дар ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ маводи таҳлилшуда барои навиштани рисолаи хатм ва ҳисоботи таҷриабаомӯзӣ истифода карда мешаванд.

### 5.1. Сабти навиштаҷот дар рӯзнома

Ҳангоми таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ - таҷрибаомӯз вазифадор аст, ки мушоҳидаҳо, дастовардҳо ва масъалаҳои асосиро бо тартиби муайян ва мухтасар дар рузнома сабт намояд. Рӯзнома пеш аз оғози таҷрибаомузӣ аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ба донишҷӯён супорида мешавад.

Сохтори рӯзнома одатан аз рӯи қисматҳои зерин муайян карда мешаванд:

*Қисми 1.* Нақша-ҷадвали тақвимии таҷрибаомузӣ якҷоя аз тарафи роҳбарони таҷрибаомузӣ аз донишгоҳ ва корхона тартиб дода мешавад. Дар нақша-ҷадвали тақвимӣ барномаи таҷрибаомузӣ шомил буда, барои мӯҳлати пурраи таҷрибаомузӣ сохта мешавад.

*Қисми 2.* Моҳияти таҷрибаомӯзии махсус аз он иборат аст, ки корҳои ҳафтаинаи донишҷӯ ба қайд гирифта мешавад.

*Қисми 3.* Хулосаҳо ва пешниҳодҳои донишҷӯ оиди ҷараёни таҷрибаомузӣ, ки барои беҳтар намудани системаи фаъолияти дохилию иқтисодии макони таҷрибаомузӣ (вазоратҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо, ширкатҳо ва ғайра) сабт карда

мешаванд. Руйхати адабиёт, маводҳои методӣ ва ҳуқуқӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ истифодашуда ҳангоми навиштани ҳисобот оварда мешаванд.

*Қисми 4.* Хулосаи корхона оиди кори донишҷӯ-таҷрибамӯз тавассути тавсифнома дар бобати сифати кори таҷрибаомӯз аз тарафи роҳбар дар корхона навишташуда баҳогузорӣ карда мешавад.

## 5.2. Тайёрӣ ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомузӣ

Интихоби маводҳо ва тайёр намудани ҳисобот ҳангоми гузаронидани таҷрибаомузӣ аз тарафи донишҷӯён ба амал оварда мешавад.

Ҳисобот мувофиқи рӯзномаи пуркардашудаи таҷрибаомузӣ ва талаботҳои сохтори намунавии ҳисобот бояд тартиб дода шавад. Ҳаҷми ҳисобот на кам аз 20-30 саҳифа, маводи ҳисобот бо истифода аз таҳриргари Word бо шрифти Times New Roman бо андозаи 14, формати А4 (210 х 297), аз чап – 3 см, аз рост – 1,5 см, аз боло ва поён – 2,0 см, фосилаи байни сатрҳо (интервал) – 1,5 см. Иқтибосҳо дар дохили қавси квадратӣ [5], саҳифагузорӣ - дар қисмати байни саҳифа ва расмҳо (диаграмма, ҷадвалҳо) ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй бошанд.

Барои омодагӣ ва таҳияи ҳисобот таҷрибаомӯз ба талаботҳои асосии зерин риоя намуда, корҳои зеринро ба сомон расонад:

- ҳамаи маводҳои заруриро пешакӣ ҷамъоварӣ намояд;
- иқтибосҳоро бо нишондоди манбаъҳо дарҷ гардонад;
- рӯйхати ихтисори (кӯтох намудани) калимаю ифодаҳоро замима гардонад;
- дар руйхати адабиёт бояд сарчашмаҳо, хуҷҷатҳои истифодашуда, мақолаҳо, баромадҳо ва ғайраҳоро инъикос намояд;
- ҳисоботро бо забони тоҷикӣ ё русӣ (мувофиқи забони

таҳсил) дар шакли чопи компютерӣ омода намуда (дар намуди хаттӣ ва ё электиронӣ мувофиқи талаботи ҷорӣ) дар муҳлатҳои муқарраршуда барои ҳимоя ба роҳбари таҷрибаомузӣ аз кафедра пешниҳод намояд;

*Тартиботи зерини ҷойгиршавии мавод дар ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ* тавсия карда мешавад:

- Варақаи аввал;
- Мундариҷа;
- Муқаддима;
- Қисми асосӣ;
- Хулосаҳо;
- Рӯйхати сарчашма (адабиёт)-ҳои истифодашуда;
- Замимаҳо.

**Варақаи аввал** – ин саҳифаи аввали кор мебошад, ки дар он номгӯйи намуди таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ ё истеҳсолӣ), ихтисос, муҳлат ва ҷойҳои гузаштани таҷрибаомӯзӣ нишон дода мешавад (замимаи 2).

**Мундариҷа** – номнависии қисмҳои иттилоотии ҳисоботро бо нишон додани саҳифаҳои мувофиқ дарбар мегирад.

**Муқаддима** – пеш аз оғози таҷрибаомӯзи роҳбари таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ барои гузаштани таҷрибаомӯзӣ супориши инфиродӣ медиҳад, ки дар он мақсаду масъалаҳои гузаштани таҷрибаомӯзӣ пешниҳод мешавад. Маҳз ҳа-мин маълумот ба муқаддимаи ҳисобот дохил мешавад. Дар ин ҷо ҳамчунин аҳа-мияти мавзуи тадқиқот нишон дода мешавад ва маълумот оид ба ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии корхона, ки ба донишҷӯ дастрас шуд ё истифода бурд, ворид карда мешавад. Ҳаҷми муқаддима бояд на зиёда аз 2 саҳифа бошад.

**Қисми асосӣ –** қисми асосӣ мувофиқи мавзуъҳое, ки дар барномаи таҷрибаомӯзӣ аз рӯйи ихтисосҳои 1-3103060104 – технологияҳои иттилоотии идоракунӣ дар иқтисодиёт, 1-26020323 – логистика ва 1-31030407 - технологияи иттилоотии низомҳои молиявии факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оварда шудааст, тартиб дода мешавад. Тадқиқоти фаъолияти корхона ва таҳлили натиҷаҳои гирифташударо низ дар бар мегирад.

Дар ин қисмат донишҷӯ оид ба иҷрои супоришҳои истеҳсолии ҳаррӯза ҳисоботи пурраро қайд намуда, омӯзиши масъалаҳои коркардшуда, ки дар барномаи таҷрибаомӯзӣ оварда шудааст, пешниҳод менамояд.

**Хулосаҳо –** қисмати ҳисоботаст, ки дар он донишҷӯ фикру мулоҳи-заҳои худро оид ба корхона ва дар умум, самаранокии таҷрибаомӯзиро, инчунин моҳияти иҷтимоии касби ояндаи худро дарҷ менамояд. Дар асоси маводи амалии омӯзишӣ дар давраи таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ бояд ҳам тарафҳои мусбӣ ва ҳам манфии фаъолияти корхона пойгоҳи таҷрибаомӯзиро, муайян кунад ва инчунин чораҳои бартарафкунии камбудиҳои муайяншуда ва рушди ояндаи кори кор-хонаро пешниҳод карда онҳоро бо шакли кӯтоҳтарин пешниҳод намояд. Дар фарҷоми хулоса санаи супоридани ҳисобот бо имзои муаллиф гузошта мешавад.

**Рӯйхати сарчашмаҳо (адабиёт)-и истифодашуда –** руйхати адабиёт аз ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ оғоз мешавад. Баъди он васоити таълимию методӣ, нашриёти матбуотӣ ва захираҳои интернетӣ ҷойгир мешаванд. Ҳамаи сарчашмаҳо бо тартиби алифбо ҷойгир мешаванд. Шумораи камтарини сарчашмаҳо *10* адад муқаррар мегардад.

**Замимаҳо** – қисмати анҷомии ҳисобот буда намунаҳо ва нусхаҳои ҳуҷ-ҷатҳо, расмҳо, ҷадвал, аксу сурат ва дигарро доро мебошад ва аз рӯйи рӯйхати замимаҳое, ки дар барномаи таҷрибаомӯзӣ нишон дода шудааст, пешниҳод карда мешавад.

*Ба ҳисобот ҳҷҷҷатҳои дар зербуда замима мешавад:*

- рӯзномаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (замимаи 3 ва 4);
- тавсифномаи донишҷӯ аз тарафи корхона, ки бо имзои роҳбар ва муҳри корхона тасдиқ шудааст (замимаи 6);
- фармоиши корхона оид ба қабули донишҷӯ ба таҷрибаомӯзӣ;
- варақаи аттестатсионӣ бо имзои роҳбари корхона ва муҳри корхона (замимаи 5).

Баъди ба анҷом расонидани таҷрибаомӯзӣ роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз тарафи корхона барои донишҷӯ *тавсифномаро* тартиб медиҳад (замимаи 6). Дар тавсифоти худ роҳбари таҷрибаомӯзӣ бояд ному насаби донишҷӯ, ҷойи гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва вақти гузаштани таҷрибармӯзиро нишон диҳад. Инчунин дар тавсифотнома бояд инъикос ёбад:

- пурра будан ва сифати иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ, муносибати донишҷӯ ба иҷрои супоришҳо, ки дар давраи таҷрибаомӯзӣ ба ӯ дода шуд, баҳо-гузории натиҷаҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯ;
- сифатҳои шахсию касбие, ки донишҷӯ нишон додааст;
- хулоса оид ба коршоями касбӣ будани донишҷӯ.

Тавсифнома аз ҷойи гузаштани таҷрибаомӯзӣ бояд дар бланкаи муҳрдори корхона (ташкилот, мақом) навишта шуда бо имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз тарафи корхона имзо шуда ва бо муҳри корхона тасдиқ карда шуда бошад. Шакли тавсифнома дар замимаи 6 оварда шудааст.

Мақсади баҳогузории таҷрибаомӯзӣ ин баҳоҳои зерин мебошад:

1) вазифаҳои касбӣ ва умумӣ;
2) таҷрибаи амалӣ ва тавоноӣ.

Баҳогузорӣ оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар асосӣ маълумоти *варақаи аттестатсионӣ*, ки дар он маълумот оид ба сатҳи азхудкунии вазифаҳои касбӣ оварда шудааст, гузошта мешавад.

Варақаи аттестатсиониро якҷоя роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз тарафи ДДМИТ ва аз тарафи корхона тартиб медиҳанд.

Шакли варақаи аттестатсионӣ дар замимаи 5 оварда шудааст.

### 5.3. Қабули ҳисоботи таҷрибаомузӣ

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра баъди ба қайд гирифтан ҳисоботро аз нуқтаи назари мувофиқат намудан ба талаботи мавҷуда ва дурустии пур кардани рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ санҷида дар рӯзнома хулосаи худро менависад ва баҳои тавсиявии донишҷӯро пешниҳод менамояд. Сипас дар варақаи аввали ҳисобот ***ба ҳимоя иҷозат дода шудани*** ҳисоботро дарҷ намуда, имзо ва санаро мегузорад. Дар ҳолати дорои камбудӣ будани ҳисобот ё рӯзнома онро ***барои ислоҳ*** ба донишҷӯ бармегардонад.

Мудири кафедра бо тасдиқи садорати факултет ҷадвали ҳимояи ҳисоботро тартиб дода (дар се давр), ҳайати комиссияи қабули ҳимояи ҳисоботро таъйин менамояд. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра дар ин ҳайат буда метавонад. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ рӯзи ҳимояи донишҷӯ-таҷрибаомӯз иштирок карда метавонад.

Донишҷӯ дар муддати 10-12 дақиқа оид ба иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ ва хусусияти фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ баромад намуда, аз нуқтаи назари алоқамандии назария бо амалия фаъолияти объекти таҷрибаомӯзиро шарҳ медиҳад. Ӯ метавонад натиҷаҳои ҳангоми таҷрибаомӯзӣ бадастовардаро дар слайдҳо дарҷ намуда, ба комиссия пешкаш намояд. Инчунин, корҳои дар вақти таҷрибаомӯзӣ ба иҷро расонидаашро шарҳ дода, хулосаву пешниҳодоти худро ирсол менамояд.

Ҳайати комиссия дар асоси Низомномаи низоми таҳсилоти кредитӣ фаъолият намуда, аз рӯи натиҷаи ҳимоя ба донишҷӯ баҳогузорӣ менамояд. Баҳо дар суратҷаласаи ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ, варақаи имтиҳонӣ ва дафтарчаи донишҷӯ гузошта мешавад ва ҳамаи ҳайати комиссия имзои худро мегузоранд. Нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ чунинанд:

• баромади донишҷӯ дар вақти ҳимоя, баҳоҳои тавсиявии роҳбарони таҷрибаомӯзӣ, пуррагии шарҳи маводи овардашуда, ҷавоб ба саволҳо.

• дар давоми як ҳафтаи охир, ҳисоботро таҳия намояд.

• ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомузӣ мувофиқи сана ва коммисия, ки дар ҷаласаи кафедра муайян карда шудааст, ташкил карда мешавад.

• муқоваи ҳисобот ва рӯзномаи таҷрибаомузӣ мувофиқан дар Замимаҳои 1 ва 2 оварда шудаанд.

# 6. АТТЕСТАТСИЯИ НАТИҶАҲОИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

## 6.1. Муқаррароти умумӣ

